**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Қодиров Довар Саидаллоевич дар мавзӯи «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон», аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пешниҳод мегардад.**

Омӯзиш ва қадршиносии мероси илмӣ ва адабии фарзандони барӯманди халқи тоҷик қарзи инсонии ҳар фарди рӯшанфикр ба ҳисоб меравад. Яке аз олимони барҷаста, ки тамоми умри бофайзи худро сарфи омӯзиши таъриху фарҳанги Афғонистон кардааст, узви вобастаи АИ ҶТ, доктори илмҳои таърих, профессор Ҳақназар Назаров мебошад. Рисолаи илмии Д.С. Қодиров ба таҳқиқи рӯзгор, осор ва саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон бахшида шудааст. Муаллиф дар таҳқиқи мавзӯъ кӯшиш ба харҷ додааст, ки саҳми назарраси профессор Ҳақназар Назаровро дар омӯзиши таъриху фарҳанги Афгонистон муайян кунад. Муҳаққиқи ҷавон дуруст қайд кардааст, ки мактаби шарқшиносии тоҷик аз даврони Иттиҳоди Шӯравӣ яке аз мактабҳои пуршуҳрат ва бонуфузи илмӣ ба ҳисоб рафта, олимони шарқшиноси Тоҷикистон ба таҳқиқи масъалаҳои муҳимми таъриху иқтисодиёт ва забону адабиёти халқҳои Эрону Афғонистон, Ҳиндустону Покистон ва мамлакатҳои араб машғул гардида, асарҳои бунёдӣ таълиф намудаанд, ки дар Иттиҳоди Шӯравӣ ва берун аз он маълуму машҳур гашта буданд. Бахусус нақши яке аз шохаҳои муҳимми илми шарқшиносӣ – афғонистоншиносӣ низ назаррас буд. Ба мактаби афғонистоншиносии тоҷик узви вобастаи АИ ҶТ, профессор Ҳ. Назаров асос гузошта, онро ба сатҳи ҷаҳонӣ баровардааст. Ин муаррихи борикбин ба эҷоди силсилаасарҳои таълифнамудааш роҷеъ ба омӯзиши таърих ва фарҳанги Афгонистон дар қатори донишмандони барҷастаи илми шарқшиносии классикӣ қарор дорад. Дар рисола дуруст зикр шудааст, ки сарфи назар аз марги

нобаҳангоми устод ва сипарӣ шудани чандин солҳо то кунун назария ва консепсияҳои илмии ӯ оид ба масъалаҳои мубрами таърихи Афғонистон арзиши худро аз даст надоданд. Бо вуҷуди дастовардҳо дар илми таърихшиносии тоҷик шахсияти Ҳақназар Назаров, чеҳраи илмӣ ва саҳми ӯ дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ ҳақиқатбинона муаррифӣ нашудаст. Аз ин нигоҳ, интихоби мавзӯъ, бешубҳа, мубрам ва ба шароити нави Тоҷикистони соҳибистиқлол ҷавобгӯй мебошад. Муҳаққиқи ҷавон бар ин назар аст, ки "омӯзиш, таҳлил ва ҷамъбасти саҳми профессор Ҳ. Назаров дар таҳқиқи таърих ва фарҳанги Афғонистон аҳамиятнок буда, дар шароити соҳибистиқлолии кишвар на танҳо аҳамияти илмӣ, назариявӣ ва амалӣ, балки аҳамияти сиёсиро низ доро мебошад".

Аз фишурда бармеояд, ки рисола аз сарсухан, се боб, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар сарсухан чун анъана аҳамияти илмии таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯъҳои илмӣ, заминаҳои манбаъшиносии таҳқиқот, мақсади таҳқиқот, навгонии илмӣ, объект, предмет ва фарзияи таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, асосҳои методологӣ ва назариявии рисола возеҳ гардида, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, чаҳорчӯбаи замонӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, тасдиқи натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми он мушаххас шудаанд.

Дар боби якуми рисола – «Ташаккули шахсият ва ҷаҳонбинии илмии Ҳақназар Назаров дар солҳои 30-50-уми асри XX» масоиле чун марҳилаҳои асосии зиндагӣ ва ташаккулёбии шахсияти Ҳақназар Назаров ва саҳми Ҳақназар Назаров дар тайёр намудани мутахассисони илмии соҳаи таърих ва афғонистоншиносӣ дар Тоҷикистон ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, андеша ва мулоҳизҳои муаллиф бо далелу мадракҳои боэътимод қувват дода шудаанд. Муаллиф аз таҳқиқи ин боб ба хулоса меояд, ки устод Ҳ. Назаров

баҳри расидан ба қуллаҳои баланди илмӣ роҳи пуршебу фарозро тай намудааст. Илова бар ин зикр мегардад, ки ӯ дар баробари эҷоди осори илмии мондагор дар тарбияти мутахассисони соҳаи таърих ва афғонистоншиносӣ хизмати арзанда анҷом додааст. Кору пайкораш аз ҷониби шогирдон идома ёфта, пайравонаш дар тайёр намудани мутахассисони илмии афғонистоншиносӣ саъйу талош доранд.

Боби дуюми рисола «Инъикоси ҷунбишҳои оммавии мардумӣ ва маорифпарварии охири асри XIX ва ибтидои асри XX Афғонистон дар таҳқиқоти Ҳақназар Назаров» номгузорӣ шуда, аз се зербахш иборат аст. Дар зербахшҳои ин боб вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии Афғонистон, ҷунбишҳои оммавии мардумии охири асри XIX ва ибтидои асри XX, масоили марбут ба маорифпарварӣ дар осори Ҳ. Назаров таҳқиқ шудаанд. Омӯзиши ҳамаҷонибаи масоили фавқуззикр ба муаллифи рисола имкон фароҳам овардааст, ки оид ба консепсияи Ҳ. Назаров ва тафовути он аз консепсияи дигар муҳаққиқон дар хусуси таърихи Афғонистони охири асри XIX ва ибтидои асри XX андешаҳои солим баён намояд.

Боби сеюми рисола ба масъалаи «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши мақоми тоҷикон дар таърихи Афгонистон» бахшида шудааст, ки дар он таҳқиқи масоили миллӣ дар Афғонистон, арзёбии моҳияти шӯриши деҳқонони тоҷик бо сарварии Ҳабибуллои Калаконӣ, нақш ва мақоми тоҷикон дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳанги Афғонистон аз нигоҳи Ҳақназар Назаров таҳлил ёфтаанд.

Муҳтавои рисола дар хулоса оварда шуда, аз ҷониби муаллиф тавсияҳои судманд ҷиҳати омӯзиши минбаъдаи осори илмии Ҳақназар Назаров пешниҳод гардидаанд.

Фишурдаи рисолаи илмии Д. С. Қодиров бо забони ноби адабии тоҷик навишта шудааст, услуби ниғориши илмӣ комилан риоя шудааст. Боиси зикр аст, ки муаллиф аз уҳдаи вазифаҳои дар назди худ гузошташуда ба пуррагӣ баромада, натиҷаҳои ба дастоварда аҳамияти амалӣ ва назариявиро доро мебошанд.

Дар фишурдаи рисола баъзе нуқсониҳои техникию имлоӣ ва ҳамчунин дар гузоштани иқтибосҳо, номгӯи мақолаҳо камбудиҳо ба назар мерасанд. Ин камбудиҳо сифат ва мазмуну мундариҷаи кори тадқиқотиро каме коста гардондаанд.

Вале дар умум аз мутолиаи фишурдаи рисолаи илмии Қодиров Довар Саидаллоевич дар мавзӯи «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон» аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ бармеояд, ки он ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мебошад.

Мудири шуъбаи таърих бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ, номзади илмҳои таърихи Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. И. Искандарови АИ ҶТ Шоинбеков А.

**Суроға:** 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВМКБ
ш. Хоруғ, кӯчаи Холдоров 2
Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. И. Искандарови АИ ҶТ
Телефон (+992) 93 600 19 70
E-mail: shoinbekovaa@mail ru.

«Имзои Шоинбеков А.-ро тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳои
Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик
Б. И. Искандарови АИ ҶТ Назаршоева Ч.

ШУЪБАИ КАДРҲО